Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Таҳқиқоти диссертатсионии Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим» дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи унвонҷӯ яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он махсусият ва мушкилоти асосии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим мусоидат мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, унвонҷӯй мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст ва хеле дуруст таъкид менамояд, ки маҳз ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим самарабахш ба шумор меравад, бинобар ин омӯзиши методҳои фаъоли таълим аз масоили мубрами таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ-амалӣ, ки бо гузариш ба фазои муносибатҳои иқтисоди бозорӣ мушкилоти тарбияи насли наврас, ташаккул додани меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву маърифатии онҳо бар дӯши ҳамаи институтҳои иҷтимоии тарбиявии ҷомеа вогузор мегардад.

Рисолаи пешниҳодшуда дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълимро баррасӣ менамояд.

Ҳадафи таҳқиқоти илмии унвонҷӯ ошкор намудани самаранокии методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Муҳақиқ иброз медорад, ки таълими интерактивӣ имкон медиҳад, ки дар як вақт якчанд супоришҳо иҷро карда шаванд, ки асоситарини онҳо инкишоф додани маҳорат ва малакаи муоширатӣ ва баркарор намудани робитаҳои эҳсосотӣ байни хонандагон буда, вазифаҳои тарбиявиро таъмин намуда, дар ҳайат кор карданро ёд дода ва боз ба андешаи рафиқон гӯш доданро таълим медиҳад.

Дар боби якуми диссертатсия, ки "Истифодаи методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳиятхои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ" ном гирифтааст, масъалаҳои технологияи таълими интерактивӣ дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ташкили фаъолияти инноватсионии иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълим, ташаккул додани маданияти зеҳнӣ маърифатӣ ва характери инсон дар стандарти синфҳои ибтидоӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия "Методҳои фаъоли таълим ва фаъолияти инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ" муаллиф, доир ба амсилаи фаъоли таълим ва натиҷанокии он дар дарси муосир дар синфҳои ибтидоӣ, мониторинги сифати таълим ва самаранокии он дар ташаккули муносибати босалоҳият, озмоиш ва таҷрибаи педагогӣ дар тағйир додани андешаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар доираи навсозии таҳсилотро мавриди таҳқиқу озмоиш қарор дода, ба таври муфассал маълумот пешниҳод намудааст.

Ба андешаи муаллиф муҳайё будани шароити мусоиди таълим дар ташаккули салоҳияти муоширатии хонанда дар раванди иҷтимоӣ ниҳоят муҳим мебошад. Моҳияти таълими фаъол дар чунин шакли ташкили ҷараёни таълимие зоҳир мегардад, ки дар раванди он тамоми хонандагон ба ҷараёни маърифат ва иҷтимоишавӣ фаро гирифта мешаванд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим» анҷомёфта буда, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология
ва социалогияи Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаниева Б.Ҷ.

Маълумот барои тамос:734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33. Тел. 904071600; E-mail: simin62@inbox.ru

Имзои Ғаниева Б.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомидов Ш.Б.